# ТАҚРИЗИ

мушовири илмӣ ба диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Муаллифи диссертатсияи пешниҳодгардида – Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович бо заковат ва донишҳои андухта ба таҳқиқи яке аз муҳимтарин ва афзалиятноктарин масъалагузориҳои фалсафӣ – «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», бо баррасиҳои илмӣ пардохтааст. Дар таҳқиқи мавзуи зикргардида, мубрамӣ дар он ифода меёбад, ки дар асрҳои миёна новобаста ба таъсири таассуби асримиёнагӣ ва ҷаҳонбинии динӣ мутафаккирон – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ тавонистаанд, ки масъалагузориҳои мантиқӣ-фалсафиро бо низоми хоси илмӣ роҳандозӣ намоянд. Аз ин рӯ, бознигарӣ ба ин матолиб дар замони муосир яке аз авлавиятҳои илмӣ дар назар дошта мешавад.

Муаллифи дисертатсия Сулаймонов Б.С., ки беш аз бист сол ба таври пайваста ба таҳқиқи ин масъала машғул аст, дар асоси маълумоти сарчашмаҳои боэътимод гиреҳҳои сарбастаи мантиқӣ-маърифатиро дар низоми фалсафӣ баррасӣ намуда, бевосита ҷойгоҳ ва нақши таълимоти Форобӣ ва Тусиро дар рушди фалсафаи башарият нишон додааст. Дар таҳқиқи хеш муаллиф нақшаи бонизом ва фарогирро таҳия намудааст, ки дар амалисозии он таваҷҷуҳи бештар ба тақсиму тасниф ва баррасии мақулаҳои мантиқӣ-маърифатӣ равона шудааст. Чунонки аз номи кор маълум аст, диссертатсия аз рӯйи афкори мантиқӣ-маърифатӣ дар шакли муқоисавӣ таҳқиқ шуда, робитаҳои замонӣ (асрҳои миёна ва пеш аз мелодӣ), таъсиргузорӣ ва таъсирпазирӣ, ҳамчунин, ҷойгоҳи умумии онҳо

дар рушди фалсафа ва ратсионализми замони муосир баръало нишон дода шудааст.

Муаллифи диссертатсия раванди таҳқиқро вобаста ба самтҳои таърихӣ ва методологӣ пешниҳод намуда, муҳтавои кори илмиро аз рӯйи сохтори диссертатсия бо услуби илмӣ ва далелҳои қонеъкунанда дар такя ба сарчашмаҳои аслӣ матраҳ намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқи кори илмӣ дорои нававарии илмӣ-назарӣ ва илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар таълими фанҳои «Фалсафа», «Мантиқ», «Таърихи фалсафа» ва «Фалсафа ва методологияи илм», инчунин, дар таҳияи дастурҳои таълимии соҳавӣ истифода шаванд.

Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович соли 2002 ба факултети шарқшиносӣ (ҳоло забоҳои Осиё ва Аврупо)-и Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 2007 бо ихтисоси филологияи арабӣ (омӯзгор) хатм намудааст. Мавсуф соли 2007 корро дар Институти фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии АМИТ ба ҳайси ходими хурди илмӣ шуруъ кардааст. Сулаймонов Б.С. баъдан ба аспирантураи назди АМИТ дохил шуда, соли 2016 рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Назарияи мантиқӣ-маърифатии Абунасри Форобӣ» дифоъ кардааст. Ӯ солҳои 2010-2015 фаъолияти илмӣ-таълимиашро дар Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ идома дода, дар ин муассисаи таълимӣ дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ дар вазифаҳои ҷонишини директор ва сардори гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот кор карда, аз соли 2015 то соли 2018 дар Китобхонаи миллӣ фаъолияташро дар вазифаҳои мутахассиси пешбар, сармутахассис (Шуъбаи дастхатҳои Шарк), муовини сардори маркази тоҷикшиносӣ ва Сардори Маркази забони тоҷикӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷии муассисаи болозикр давом додааст. Сулаймонов Б.С. аз 01.09.2018 то кунун дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият намуда, аз 27.08.2021 (таҳти №140-ОД) и.в. дотсент ва бо

фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.09.2024 (зери №9) унвони илмии дотсентро сазовор гардида, аз 01.09.2025 то кунун мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ мебошад.

Диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович аз муқаддима, панҷ боб, сездаҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва таълифоти нашршудаи муаллиф иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ ба таври возеҳ бо далелҳои муътамад асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ-таҳқиқотӣ бо арзёбӣ ва муқоисаҳо хулоса шуда, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дар асоси талаботи низомномаи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия – «Заминаҳои назариявӣ-методологии афкори мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», аз ду зербоб – «Заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии пайдоиш ва ташаккули афкори мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» ва «Нақши фалсафаи Юнони қадим дар рушди андешаи мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», иборат аст.

Муаллиф дар боби аввал, ки аз зербобҳои болозикр иборат аст, нахуст ба таҳлили омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангие мепардозад, ки дар рӯзгор ва фаъолияти ҳар ду мутафаккир ба вуқуъ омада, бевосита ба рушду густариши афкори мантиқӣ-маърифатии онҳо заминагузор маҳсуб мешаванд. Дар зербоби аввал, ду замони бо ҳам мутафовит муқоиса гардидааст. Якум, замоне, ки дар он эҳёи илми ҷаҳонӣ ба назар мерасид, он, ба рӯзгори Форобӣ мувофиқ омада, дар акси ҳол, замони пур аз ошубу исён, ки ба асри XIII рост меомад, Насируддини Тусӣ дар он зиндагӣ

намуда, ба зулмату ноадолатиҳо мубориза бурда, ба рушди фалсафа ва илмҳои дақиқ таъсири амиқ гузоштааст.

Муаллифи диссертатсия дар баробари таҳқиқи вазъи замонӣ таваҷҷуҳашро ба муносибати мутақобилаи мутафаккирон равона карда, паҳлуҳои норушани ин самтро дар пояи сарчашмаҳои боэътимод мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Фасли дуюм, ки таъсири фалсафаи Юнони қадим ба рушди мантиқ ва фалсафаи шарқӣ, хусусан, фалсафаи Форобӣ ва Тусиро фарогир аст, дар он ташаккули маҳфумҳо ва таснифи илмҳо дар заминаи афкори фалсафии мутафаккирон баррасӣ гардидааст. Баъзан ба назар мерасад, ки гуё мутафаккирони шарқӣ шореҳони фалсафаи Юнон ба ҳисоб меравconfigured, аммо асли матлаб ин аст, ки онҳо дар баробари омӯзишу таҳқиқ осори фалсафиро бо диди интиқодӣ баррасӣ намуда, на танҳо фалсафаи наве дар Шарқ, балки бо таълифи осори арзишманди худ ба рушди афкори ҷаҳонӣ таъсири зиёд расонидаанд. Бо назардошти корҳои анҷомдодашуда, хулоса кардан мумкин аст, ки боби якум заминаи зарурии таърихӣ-фалсафӣ ва маърифатии ташаккули афкори Форобӣ ва Тусиро бо сароҳияти далелҳои шайъи инъикос намуда, заминаи мусоиде барои дарки афкори мантиқӣ-фалсафӣ гузошта метавонад.

Дар боби дуюм «Шаклҳои асосии тафаккури мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», ки аз се зербоб – «Хусусиятҳои хоси ташаккули мафҳумҳо ва мақулаҳои илмӣ-мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», «Мафҳум ҳамчун шакли тафаккури мантиқӣ дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» ва «Моҳият ва ҷойгоҳи қазия дар низоми мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» иборат аст. Ин боб ба таҳаввули шаклҳои асосии тафаккури мантиқӣ нигаронида шуда, нишон медиҳад, ки чи гуна ин равиш манзараи илмии шаклҳои тафаккурро дар анъанаҳои шарқӣ ва ғарбӣ густариш мебахшад.

Шаклҳои асосии тафаккури мантиқӣ ҳамчун асоси василаи маърифати илмӣ ва дарки воқеият дар таърихи афкори фалсафии ҷаҳонӣ ҷойгоҳи марказӣ доранд. Чунонки аз диссертатсия маълум аст, маҳз ба ҳамин хотир, Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ин категорияҳои мантиқиро тақвият бахшидаанд. Онҳо на ҳамчун давомдиҳандаи фалсафаи Юнон, балки ба воситаи такмили афкори хеш мафкурасозони ҷомеаи онвақта ба ҳисоб меравaнд. Дар диссертатсия дуруст қайд мегардад, ки Форобӣ бо ҷорӣ кардани мафҳумҳо, истилоҳот ва мақулоти нави мантиқӣ, поягузори илми мантиқ дар Шарқ ба ҳисоб меравад. Аммо Насируддини Тусӣ ин анъанаи илмиро бо бартарияти забонӣ идома дода, низоми мукаммали истилоҳофариниро ба роҳ мондааст. Албатта, таҳқиқу баррасиҳои ин боб дар заминаи афкори ақлгароёнаи Арасту ба роҳ монда шуда, бо такмилҳои интиқодии Форобӣ ва Тусӣ вусъат ёфтааст.

Дар фаслҳои дигар, муаллиф таҳлили муқоисавии таълимоти мантиқии Форобӣ ва Тусӣ – мафҳум ва қазияро мавриди таҳқиқ қарор дода, ҳамзамон, сохтори таркибӣ, низоми мантиқӣ ва тақсиму таснифи мафҳумҳо дар таълимоти ҳарду мутафаккирро мавриди омӯзиши амиқ қарор додааст. Дар ин росто, гуфтан мумкин аст, ки бо назардошти тартиботи дурусти илмӣ мафҳумҳо ба мафҳуми умумӣ, муфрадию муаллафӣ ё ҷузъию куллӣ ва зотию аразӣ, донишҳои панҷгона ва мақулот ҷудо карда шуда, ҳар яке аз онҳо дар заминаи афкори мантиқии мутафаккирон аз дидгоҳи интиқодӣ таҳқиқ шудаанд, ки ин равиш натиҷаи хуби илмиро дар мантиқ ва фалсафаи имрӯз ба бор овардааст. Дар ҳамин шакл, бахши қазия ва навъҳои он – ҳамлию шартӣ ва фарқияту умумияти онҳо бо далелҳои қатъӣ матраҳ гардида, заминаҳои бунёдӣ ва густариши онҳо дар ин пажуҳиш бо таҳлилҳои илмӣ нишон дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Воситаҳои асосии инкишофи дониш дар мероси мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» номгузорӣ шуда, аз се зербоб – «Ҳамбастагии тафаккур ва забон дар таълимоти

мантиқӣ-маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», «Нақши қиёс ва айнияту тафовути он дар низоми мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» ва «Вижагиҳои хоси назарияи бурҳон дар таълимоти мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» иборат буда, агар Муаллими аввалро истисно намоем, бунёдгузорони ин равиш – ҳамоҳангсози забону мантиқ, қиёс ва бурҳон Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дониста мешаванд. Аз рӯйи мавқеъгирӣ ин мақулоти мантиқӣ, вобаста ба қонунҳои илми мантиқ дар зинаи охир қарор гирифта, маҳз ба ҳамин восита дар таълимоти фалсафӣ истеҳсолоти зеҳнӣ дар амал татбиқ карда мешавад. Муаллиф иброз медорад, ки дар таҳқиқи фалсафа Арасту дар ин самт асарҳои «Аналитикаи аввал» ва «Аналитикаи дуюм»-ро таълиф намуда бошад, Форобӣ ин масъаларо дар «Китоб-ул-қиёс» ва «Эҳсо-ул-улум» тарҳрезӣ намудааст. Насируддини Тусӣ бошад ин масъалаҳоро дар китоби «Асос-ул-иқтибос» бо таваҷҷуҳи хоса таҳқиқ намудааст.

Дар зербоби аввали боби сеюми диссертатсия ҳамбастагии тафаккуру забон дар асоси сарчашмаҳои аслӣ бо тақсиму тасниф ва баррасиҳои қиёсӣ дар низоми муайяни имлӣ матраҳ гардидааст. Дар диссертатсия муаллиф нишон медиҳад, ки таҳқиқоти онҳо аз ҳам танҳо аз лиҳози забонӣ фарқ дошта метавонанд. Яъне гуфтан мумкин аст, ки таълифоти Тусӣ танҳо давоми мантиқии корҳои Форобӣ дониста мешаванд.

Дар фаслҳои дуюм ва сеюм, ки то замони мутафаккирон мантиқшиносон мақулаҳои қиёс ва бурҳонро дар якҷоягӣ таҳқиқ мекарданд, Тусӣ дар заминаи асари пурмуҳтавои «Китоб-ул-қиёс»-и Форобӣ онҳоро аз ҳам ҷудо бо равиши махсуси илмӣ дар китоби «Асос-ул-иқтибос» мавриди таҳқиқ қарор дода, дар диссертатсия низ ин раванд ба инобат гирифта шуда, муаллиф онро ҳамчун навгонии асосии илмӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Мақулаҳои номбаршуда, бо методологияи хос пажуҳиш гардида, ҳамзамон, фарқияту умумиятҳои онҳо дар шакли

муқоисавӣ таҳқиқ шуда, натиҷаи назарраси онҳо дар рушди мантиқи муосир мусоидаткунанда боқӣ хоҳад монд.

Аз равиши таҳқиқот муайян намудан мумкин аст, ки мутафаккирон тавонистаанд ба воситаи категорияҳои илмӣ-мантиқӣ алоқа ва муносибати илми мантиқро, ки аз қонуну қоидаҳо бунёд ёфтааст, бо дигар илмҳо, хусусан, маърифатшиносӣ ошкор намуда, маҳз ба ҳамин васила хулосабарориҳои муфиди илмиро ба роҳ монанд.

Боби чаҳоруми диссертатсия – «Ташаккули маърифати мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», ки аз се зербоб – «Таснифи илмҳо дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ва ҷойгоҳи мантиқ дар он», «Маърифати ҳиссӣ: шаклҳо, хусусиятҳо ва нақши он дар раванди маърифатӣ аз назари Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» ва «Маърифати ақлӣ (мантиқӣ) ва таҳлили он дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» иборат аст.

Дар ин боб паҳлуҳои гуногуни истифодабарии мантиқ аз диди Форобӣ ва Тусӣ, дар заминаи асарҳои «Китоб-ул-ҳуруф», «Эҳсо-ул-улум», «Ороъ аҳл-ул-мадина ал-фозила»-и Форобӣ ва «Асос-ул-иқтибос», «Ахлоқи Носирӣ», «Равзаи таслим»-и Тусӣ баррасӣ мешавад. Дар онҳо мантиқ ҳамчун асоси тафаккури фалсафӣ ва танзими дониши инсонӣ зоҳир мешавад. Нақши он ҳамчун методология, муносибату алоқаи он ба дигар илмҳои фалсафӣ, аз он ҷумла, таснифи илмҳо, маърифати ҳиссӣ ва маърифати ақлӣ (мантиқӣ) ба инобат гирифта шуда, вазифаи асосии он ба даст овардани матолиби аз ин қисматҳоро дар бар мегирад.

Дар зербоби аввал, ки таснифи илмҳо ва ҷойгоҳи мантиқ дар он баррасӣ мешавад, нахуст аз таҳқиқи мондагори Форобӣ дар ин самт оғоз гардида, ташаккулёбии он баъдтар аз ҷониби Ибни Сино ва хусусан Тусӣ дар асоси таълифоти онҳо хеле бо маҳорати илмӣ ҷамъбаст мегардад. Мусаллам аст, ки қисматҳои баъдии таркиббандишудаи зербоб бо низоми дуруст таҳқиқ шуда, муаллиф онҳоро бо диди нав натиҷагирӣ менамояд.

Зербобҳои дигари ин боб ба таҳлили маърифати ҳиссӣ ва маърифати ақлӣ ҳамчун зинаи аввалини шинохт бахшида шуда, муаллиф бо таҳқиқу мисоловариҳо дар асоси сарчашмаҳо ин масъалаҳоро бо тарҳҳои мантиқона натиҷагирӣ менамояд. Агар ба таҳқиқи муаллиф амиқтар назар кунем, ба ин натиҷа расидан мумкин аст, ки Форобӣ ва Тусӣ ҳар кадоме ин масъалаҳоро (маърифати ҳиссӣ ва маърифати ақлӣ) бо диди худ ва замонашон баррасӣ кардаанд, агарчи масъалагузориҳо дар раванди таҳқиқ гуногун бошанд, дар натиҷа ҳадафҳо баробарарзиш эътироф мешаванд. Яъне самти таҳқиқи онҳо дар ин ҷода танҳо бо такмилу густариш баҳо дода мешавад.

Боби панҷуми диссертатсия – «Нақши мантиқ ҳамчун методологияи маърифати олам ва шинохти ҳақиқат дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», ки аз ду зербоб – «Маърифати олам аз дидгоҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» ва «Консепсияи ҳақиқат ва меъёрҳои он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» ба дарки низоми ҷаҳон ва ҷойгоҳи инсон дар он, аз рӯйи меъёрҳои маърифатӣ бахшида шудааст.

Дар ин боб маърифати олам ва шинохти ҳақиқат, ки фаҳмишҳои кулминатсиониро тақозо доранд, баррасӣ ва натиҷагирӣ гардида, дар заминаи осори Форобӣ ва Тусӣ бо далелҳои шайъи натиҷагирӣ шудаанд.
Муҳокимаҳо дар асоси исботкориҳо ба воситаи мантиқ барои дарки маърифат нишон медиҳанд, ки ҳақиқат бевосита дар иртибот бо воқеият шинохта шуда, бо далеловариҳои мантиқӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, мантиқ ҳамчун методологияи маърифат барои дарки таълимоти Форобӣ ва Тусӣ хизматгузор буда, ҳамзамон, ба ин васила дар рушди ратсионализми муосир таъсиргузор буда метавонад. Дар диссертатсия хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардида, нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок эътироф шуда, бо далелҳои муътамади назарӣ-методӣ ва таҳлилӣ

мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021,№ 3) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Мушовири илмӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон Сайфуллаев Н.М.
26 05 соли 2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи Пушкин 73 в, ҳуҷраи 6
телефон (+992 934770090), E-mail: saifullo@mail.ru

Имзои Сайфуллаев Нигматулло Мирзоевичро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россияву Тоҷикистон Исмоилова М.Н
26 05 соли 2025

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзода 30,
телефон: 372 21 3550, E-mail: www.rtsu.tj.